# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**аз 26-уми ноябри соли 2025** **шаҳри Душанбе**

Суханронии Қувватзода Саидхон Сайвалӣ дар мавзуи "Заминаҳои молиявӣ-қарзии таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; суханронии муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон – Пиризода Ҷалил Сафар; тақризи номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Давлатов Наврӯз Амиршоевич; суханронии муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон – Раҷабов Раҷаб Кучакович, Қудратов Рустам Раҳматович ва Мирсаидов Аврор Бобоевичро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Қувватзода Саидхон Сайвалӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Қувватзода Саидхон Сайвалӣ дар мавзуи "Заминаҳои молиявӣ-қарзии таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Қувватзода Саидхон Сайвалӣ дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD), ба Қувватзода Саидхон Сайвалӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.